

*Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан...*

# НУРАФШОН

октябри соли 2022, №7 (85) / Email: nurafshon2022@mail.ru

Аз моҳи феврали соли 2015 нашр мешавад.

**Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

## МУАЛЛИМ-ОМӮЗАНДАИ МАЪРИФАТИ ИНСОНӢ

*Сухани табрикотии ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, номзади илмҳои кимиё Исозода Диловаршоҳ Тариқ ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ ва Иди касбии омӯзгорон*

***Устодон, кормандон ва донишҷӯёни азиз!***

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки бо шарофати соҳибистиқлолии Ватан ва сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар Тоҷикистон ду ҷашни муқаддасу бузург, Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иди касбии омӯзгорон дар як айём, яъне дар ибтидои моҳи октябр таҷлил карда мешаванд. Ин ҳама шаҳодат аз он медиҳад, ки арҷгузорӣ ба талошу заҳматҳои пайвастаи омӯзгор ҷиҳати таълиму тарбияи насли наврас дар фазои илму дониш ва руҳияи баланди худшиносии миллӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз ҳамаи омӯзгорони донишкадаро ба ифтихори ин ду иди муқаддасу бузург табрику таҳният гуфта, барояшон тани сиҳат ва комёбиҳои назаррасро дар ҷодаи шарафмандӣ ва пурмасъулияту пурташвиш таманно менамоям.

Ду вожаи муҳиме, ки ҳар рӯз мо ба он эҳтиёҷ дорем, ин забон ва омӯзгор аст, ки воқеан муқаддас ва ба ҳам алоқаманданд.

Мавриди зикр аст, ки рушди босуботи кишвар ва ояндаи ягон ҷомеаро бе саъю талош ва меҳрубонии омӯзгорон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро омӯзгор дар таълиму тарбияи насли наврас ва мутахассисони соҳибистеъдод нақши бориз ва созгор дорад. Хушбахтона, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзгор дар ҷомеа мавкеи муҳимеро касб намудааст, чунончӣ қайд намудаанд, ки: «Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст ба дигарон таълим медиҳад. Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ хоҳанд монд».

Паҳлӯи дигари сиёсати пайваста ва созандаи Пешвои муаззами миллат омӯзиши илмҳои мухталифи муосир, ҳифозати таъриху тамаддун, ҳифзи забони давлатӣ мебошад. Ин аст, ки ҳамасола 5 октябр дар кишвар Рӯзи забони давлатӣ таҷлил мешавад. Қобили зикр аст, ки дар ҳифз ва рушд кардани забони тоҷикӣ саҳми омӯзгорон беназир аст. Аз ин рӯ, мо бояд ҷавононро на танҳо дар омӯзиши забони давлатӣ, балки ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ, таърихи ғании халқамон ва дар рӯҳияи ватандӯстиву худогоҳии миллӣ тарбия намоем.

Аз фурсати мусоид истифода бурда, устодон, омӯзгорон, донишҷӯёни донишкада ва дар симои Шумо мардуми шарифи вилоят ва кишварро бо Рӯзи забони давлатӣ ва рӯзи шахсияти бузургу нотакрор–Иди касбии омӯзгор табрик намуда, ба шумо саломатӣ ва дар коратон муваффақиятҳо орзумандам.

***Рӯзи забони давлатӣ ва иди касбии омӯзгорон муборак!***

### Сухани рӯз

*Барои ман забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, шиносномаи миллати азизам, рӯҳи поки гузаштагонам ва оинаи осори ниёгонам мебошад.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

### РӮЗГОРЕ БАРОИ ИБРАТ

саҳ. 2



### СУҲБАТИ ОЗОДИ ПАДАРУ МОДАРОН БО ОМӮЗГОРОН

саҳ.3



### *ЯК НАФАС БО ЁДИ МОДАР...*

саҳ.4



# РӮЗГОРЕ БАРОИ ИБРАТ

***Дар дунё кам инсонҳоеро метавон вохӯрд, ки танҳо ба хотири ободии Ватан ва якпорчагии марзу буми он зиндагӣ дошта, дигар ягон арзишҳои дунёӣ, магар шукуфоии Ватан, барояшон муҳим наменамояд. Роҳеро, ки дар ин ҷода устод Аҳмадҷон Ализода паймудааст, намунаи чунин инсонҳои ватандӯсту фидоии ин миллат буданашро дар назди ҷомеа исбот намуд.***

Иддае аз ҳамзамонон ӯро ҳамчун як сиёсатмадори мадан дар ҳукумати собиқ вилояти Қӯрғонтеппа, дигаре олиму файласуф-донишманди якчанд риштаҳои илм, севвумин ба ҳайси муҳандис баландихтисос дигаре сиёсатмадори варзидаву тарғибгари ғояҳои сиёсии ҲХДТ мешиносанд. Дар умум Аҳмадҷон Ализода инсонест, ки дар дил ишқи Ватан мепарварад ва дар оташи ин ишқ худсозиҳо дорад, ватансозиҳо дорад.

Маданияти баланд дар муошират бо мардум ва санъати волои суханрониашро ба инобат гирифта, Аҳмадҷон Ализода дар қатори якчанд нафар зиёиёни саршиноси кишвар миёни сокинони минтақаҳои гуногуни кишвар оид ба сиёсати сулҳофарини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохуриҳои фаҳмондадиҳӣ доир менамуд.

Соли 1997 буд, ки Созмони Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон таъсис ёфту дар нахустин ҷаласаи муассисони он Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Раиси Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон интихоб гардид. Дар ин ҷаласа 5 нафар сиёсатмадорони маъруфи кишвар ба ҳайси муовинони Раиси Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон интихоб гардиданд, ки як нафар аз онҳо Аҳмадҷон Ализода буд. Баъдан дар интихоботи соли 1999 Аҳмадҷон Ализода ҳамчун шахси эътимодноки номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъйин шуда буд. Васфи ин шахси наҷиб дар як ҷумла ҳамин аст, ки Аҳмадҷон Ализода дар зиндагӣ бо як ақидаи устувор роҳеро интихоб намудааст, ки рисолаташ аз созандагии Ватану мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол иборат мебошад. Роҳе, ки дар пешгомаш Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қарор дораду бо ҳамқадаму пайравонаш дар пайи амалӣ намудани орзуву ормонҳои ҳазорсолаи миллати тоҷик саъю талош доранд.

Аҳмадҷон Ализода 22 октябри соли 1952 дар яке аз деҳаҳои кӯҳистони ҳудуди ноҳияи Балҷувон ба дунё омадааст. Соли 1975 Институти Политехникии Тоҷикистонро бо ихтисоси муҳандиси бо барқтаъминкунии корхонаҳои саноатӣ, шаҳрҳо ва соҳаи кишоварзӣ хатм намуда, бо роҳхати Вазорат ба водии Вахш ба кор фиристода мешавад. Аҳмадҷон Ализода



фаъолияти меҳнатии худро дар води Вахш аз корманди оддии соҳаи барқ шурӯъ намуда, то ба дастурдиҳандаи ҳизбӣ ва муовини директори Генералии иттиҳодияи автомобилӣ, мудири шуъба ва муовини аввали раиси ҳукумати вилояти собиқи Қӯрғонтеппа мерасад. Майрамбӣ Ғафурова, муовини раиси шаҳри Сарбанд нақл мекунад, ки солҳое, ки Аҳмадҷон Ализода вазифаи муовини раиси собиқ вилояти Қӯрғонтеппаро ба ӯҳда дошт, барои мо барин кадрҳои ҷавон намунаи беҳтарин инсон ва сиёсатмадори бомаърифату соҳиби эҳтиром маҳсуб меёфт. Ӯ як инсони ватандӯсту ба як сатҳи илму маърифат расидаест, ки ҳуввияти баланди миллию Ватандӯстиаш дар симояш ҷилва мекунад. Устод Ализода аз зумраи ангуштшумори он инсонҳоест, ки дар таҳкими ғояҳои миллӣ-ватандӯстӣ миёни ҷомеа саҳми худро гузошта истодааст.

Ҳакиме гуфтааст: «Миллатро тавассути бузургонаш, ки корномаи зиндагиашон намунаи ибрати башарият буда, дар тарбияи инсонҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллии наслҳои ояндасоз нақше бозида метавонад, мешиносанд». Саргузашти Аҳмадҷон Ализода ҳам қиссае аз ҳаёти пурбаракати инсони шарифест, ки дар зиндагӣ намунаи ибратомӯзӣ барои наслҳои оянда аст. Насле, ки рисолати созандагиюояндагии ин миллати таърихдорро бар дӯш дорад.

**Ҷамолиддини Сайфиддин,**
**журналист**

***Таълиму тарбияи фарзанд вазифаи муқаддаси падару модар, ҷомеа ва давлат мебошад.***

*Моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"*

## СУҲБАТИ ОЗОДИ ВОЛИДАЙН БО ОМӮЗГОРОН

Санаи 10-уми октябри соли равон дар асоси нақшачорабиниҳои тасдиқгардидаи факултети электромеханика ва технологияи инноватсионии донишкада бо иштироки муовини ректор оид ба таълим, идораи сифати таҳсилот ва мобилияти академӣ н.и.п. Зувайдуллозода Ф., мушовири ректор Ализода А., декани факултет н.и.т. Одинаев Н., сардори шуъбаи рушди истеъдодҳо ва муовини декан оид ба тарбия бо волидони донишҷӯён вохӯрии судманд баргузор гардид.



Бо волидони донишҷӯён дар партави сиёсати пешгирифтаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷавонон, мафҳуми моддаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", ҷалб нашудани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва дигар мавзӯъҳоро суҳбат карданд. Дар интиҳои вохӯрии мазкур суҳбати озоди омӯзгорон ва падару модар дар бораи таълиму тарбияи фарзанд, давомоти фарзандон дар рафти дарсҳо, пардохт намудани шартномаи соли хониши 2022-2023 ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Акмал Қурбон**

## МАҚОМ ВА НАҚШИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА ДАР ҶАМЪИЯТ

Санаи 19-уми октябри соли равон дар толори фарҳангии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Мақом ва нақши иттифоқҳои касаба дар ҷамъият" ва чорабинии фарҳангӣ ба муносибати Рӯзи иттифоқҳои касаба баргузор гардид.



Конференсияи мазкур масъалаҳои мубрами рӯз ва мавзӯъҳои мухталифи ҷомеаи имрӯза, дастовардҳои замони Истиқлолият, аз қабили "Истиқлолият ва иттифоқҳои касаба" ва "Ҷавонон ва иттифоқҳои касаба"-ро мавриди муҳокима қарор дод.

Дар бахши ҳаваcмандагардонии фаъолон зиёда аз 60 нафар кормандони соҳаҳои гуногуни иттифоқҳои касабаи вилояти Хатлон бо ифтихорномаҳо ва тухфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд. Аз ҷумла дар ин конференсия ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон номзади илмҳои кимиё Исозода Диловаршоҳ Тариқ бо Ифтихорномаи Иттифоқҳои касаба дар вилояти Хатлон ва раиси Иттифоқи касабаи донишкада Эмомов Бахром бо нишони сарисинагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд.

**Акмал ҚУРБОН**

## ОМӮЗГОРӢ- ПЕШАИ МУҚАДДАСТАРИНИ ОЛАМ

Ҳамасола дар мамлакат якшанбеи аввали моҳи октябр "Рӯзи касбии омӯзгор" ҷашн гирифта мешавад. Ҷашнгирии ин рӯз ифодагари қадршиносии кормандони соҳаи маориф, ба хусус, омӯзгорон аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешаи омӯзгориро муқаддастарин касби рӯи олам шуморида, бедории фикрӣ, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсонро маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон донистааст.




Ба ин муносибат санаи 1-уми октябри соли равон дар толори фарҳангии донишкада ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба Иди касбии Омӯзгорон баргузор гардид. Бояд гуфт, ки дар ин чорабинӣ ректори донишкада номзади илмҳои кимиё Исозода Диловаршоҳ Тариқ, муовинони ректор ва омӯзгорону донишҷӯён ширкат намуданд. Зимни ин ҷамъомад ректори донишкада номзади илмҳои кимиё Исозода Диловаршоҳ Тариқ дар мавзӯи "Омӯзгор, муаллим –беҳтарин касби рӯи олам" баромад карда, қайд намуданд, ки омӯзгор дар ҷомеа нақши калидиро мебозад, чунки тамоми донишу илмҳои дунёро бо воситаи омӯзгор меомӯзему бо роҳи нишондодаи ӯ раҳсипор мегардем. Дар охир устодону омӯзгорони донишкада бо тухфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

**«НУРАФШОН»**

*Сухан заҳру позҳру гарм асту сард,*
*Сухан талху ширину дармону дард.*
*Абушакури Балхӣ*



# ХАТАРҲОИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ БА ҶОМЕА

Ҳифзи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ вазифаи муҳими ҳар як шаҳрванд буда, он кафили сулҳу оромӣ, ҳувияти миллӣ ва суботи мамлакат мебошад. Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ватани азизамон рӯ ба тараққӣ ниҳода, амнияти мардуми кишвар таъмин гаштааст. Дар замони муосир яке аз ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат хавфи ҷиддӣ ба миён меоварад, ин ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта мебошад.

Ба муқовимати ҳамаҷониба нигоҳ накарда, вақтҳои охир ин гуна ҷиноятҳо зиёд шуда истодаанд, ки метавонанд ба Истиқлолият ва амнияти ҳар давлат хатар эҷод кунанд. Имрӯзҳо дар чандин кишвари мусулмонӣ бар асари дахолати доираҳои манфиатдори хориҷӣ манзилҳои зисти аҳолӣ, шаҳрҳо ва ёдгориҳои чандинҳазорсола сӯхтаву валангор шуда, ҳазорон нафар одамони бегуноҳ қурбон мешаванд.

Пешвои миллат вобаста ба низоми нави ҷаҳонӣ ва масъалаҳои глобалии ҳалталаб, аз ҷумла терроризму экстремизми динӣ дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ширкат ва суханронӣ намуда, ин зуҳуроти номатлубро маҳкум намудаанд. Натиҷаи таъкид ва огоҳии саривақтии Сарвари давлат буд, ки садҳо нафар волидони ғофил аз ҳолу аҳволи фарзандоншон, ки дар таълимгоҳҳои ифротгароии динӣ ва террористии кишварҳои хориҷӣ қарор доштанд, ба изтироб афтода, барои бозпас овардани онҳо чораҳои қатъӣ андешиданд. Аммо мутаассифона ҷавонони гумроҳ ва бехабар аз илму дониш ва эътиқоди динии ростгаро дар байни ҷомеаи мо мавҷуданд. Онҳо ба доми фиреби ифротгароён афтода, бехтарин атои Офаридгор – ақли худро ба ҳилаю найрангҳои фаттонӣ ва хоинонаи душманони миллату давлат бохтаанд. Заъфи зиракии сиёсии ҷавонон, арҷ нагузоштан ба арзишҳои миллӣ, расму оини миллӣ, муқаддасоти Ватан ғайра ба ифротиён имкон медиҳад, ки сафи тарафдорони худро афзун намоянд. Тавре Пешвои миллат изҳор доштанд: "Дар ҷомеаи муосир терроризму ифротгароӣ дар минтақаву кишварҳои гуногуни олам торафт доман густурда, боиси ҳар рӯз ба ҳалокат расидани садҳо нафар аҳолии осоишта ва сарсону овора шудани ҳазорҳо одамони бегуноҳ гардида, зуҳуроти мазкур бар асари сиёсӣ намудани дини мубини Ислом ҳоло ба таҳдиди бузурги ҷаҳонӣ табдил ёфтааст».

Ҷавонони ноогоҳу ғофил ба доми воизони нопок ва мубаллиғони созмон ва ҳаракатҳои иртиҷоӣ афтида, қурбони дасиса ва ақидаҳои бедалели онҳо мешаванд.

**Акмал Қурбонов**

## ЯК НАФАС БО ЁДИ МОДАР...

*Шаби торик миёни мулки куҳсор,*
*Хаёламро рабуд модари гамхор.*
*Нарезон, аё модар ашки покат,*
*Ки ҷон бошад фидои хоки поят.*

***Гулиев Қосимҷон,***
***донишҷӯи бахши аввали ихтисоси «Таъмини барқ»***

## Панду андарҳои бузургон

● *Таҷриба мегӯяд, ки одамон беш аз ҳама дар боздоштани забони худ кӯтоҳдастанд.*

*Спиноза*

● *Одаме нест, ки ҳама хуб ё ҳама бад бошад.*

*Люк Вовенарг*

● *Арҷ мехоҳӣ, ба дигарон арҷ неҳ.*

*Клод Гелветский*

● *Ҷавонӣ фасли хатарноки зиндагист.*

*Шекспир*

● *Ё чунон бош, ки ҳастӣ, ё чунон бош, ки менамоӣ.*

*Бастомӣ*

● *Касе, ки хислати нек дорад, ҳаргиз танҳо намемонад, зеро ҳамеша дӯстоне барои худ пайдо мекунад.*

*Кондорсия*

● *Барои касе, ҳеҷ чиз надорад, қарз ҳам як навъ дуздӣ аст.*

*Руссо*

*Гирдоваранда*
***ШАРОФАТ***


НУРАФШОН

**Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

**Муҳаррир:**
**Акмал Қурбонов**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
Исозода Диловаршоҳ
Зувайдуллозода Файзулло
Обидҷони Шаҳобиддин
Шарифова Зарина
Аҳмадҷон Ализода

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст. Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар Маркази инноватсионӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.
Нишонии мо: н.Кӯшониён, ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.